Департаменти ...
барои корбаст
08-12-16с.

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ВИЛОЯТИ СУҒД
# РАИСИ ШАҲРИ ХУҶАНД
## ҚАРОР

ш.Хуҷанд

аз "08" 12 2016с. №511

**Дар бораи тасдиқи нархномаҳои истифодабарии оби нӯшокӣ ва хизматрасонии рафъи партовобҳо**

Мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳ Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давл Созишномаи қарзӣ оид ба маблағгузории Лоиҳаи «Беҳтаргардонии в таъминоти оби нӯшокии шаҳри Хуҷанд» аз 18 майи соли 2008 ва назардошти мактуби Корхонаи воҳидии давлатии коммун «Хуҷандобуканал»-и шаҳри Хуҷанд аз 24 ноябри соли 2016, № қ а р о р м е к у н а м:

1. Нархномаи таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо корҳои хизматрасонӣ дар Корхонаи воҳидии давлатии коммун «Хуҷандобуканал» тасдиқ гардида аз 1 январи соли 2017 ҷорӣ к шавад (замимаи №1).

2. Бахши Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии (Ишонқулов Ғ.С.), Раёсати молияи шаҳр (Бобоҷонов А.А.), Корх воҳиди давлатии коммуналии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷ манзилию коммуналӣ»-и шаҳр (Бобоев З.), Корхонаи воҳидии давл коммуналии «Хуҷандобуканал» (Мирхолиқов С.Т.) вазифадор к шаванд, ки:

- ҷиҳати аз пардохти истифодабарии оби нӯшокӣ ва хизматрас рафъи партовобҳо озод намудани иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ва ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, ки аз буҷети ҷумҳур маблағгузоришаванда, баҳри пардохт намудани фарқияти мабл ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ бо назардошти нархномаи дар соли тасдиқшаванда тадбирҳои мушаххас андешанд;

- бо назардошти ивазшавии нархномаи истифодабарии оби нӯ ва хизматрасонии рафъи партовобҳо ба шартномаҳои байни ташк муассисаҳои буҷавӣ ва Корхонаи воҳидии давлатии комму «Хуҷандобуканал» пардохти фарқияти маблағи бавуҷуд меома ҳисоби захираи иловагии буҷети маҳаллӣ амалӣ карда шаванд.

3. Корхонаи воҳидии давлатии коммуналии «Хуҷандобукана зарур аст, ки рӯйхати ягонаи тамоми имтиёздоронро мутс

Воридот тахти № 245
08. 12 2016с.

қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд пешниҳод намояд.

4. Ба маркази таҳлилию иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳр (Дадобоев М.) супорида шавад, ки инъикоси васеи қарори мазкурро тариқи расонаҳои хабарии маҳаллӣ таъмин намояд.

5. Қарори Раиси шаҳр аз 31 декабри соли 2013, №860 «Дар бораи тасдиқи нархномаҳои истифодабарии оби нӯшокӣ ва хизматрасонии рафъи партовобҳо» аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Қарори мазкур барои тасдиқ ба иҷлосияи навбатии Маҷлиси вакилони шаҳр пешниҳод карда шавад.

7. Назорати қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Хуҷанд Ғайбуллозода Х. гузошта шавад.

Раиси шаҳр Шарифзода Ш.Ф.

Замима
бо қарори Раиси шаҳри Хуҷанд
аз «08» 11 2016 сол № 511
тасдиқ карда шудааст

Шуъбаи умумӣ, кор бо мактубҳо ва мурочиати шаҳрвандон

Нархномаи
хизматрасонии оби нӯшокӣ ва рафъи партовобҳои
Корхонаи воҳидии давлатии коммуналии «Хуҷандобуканал»
аз 1 январи соли 2017 амалӣ карда мешавад

| р/т | Номгӯи истифодабарандагон | Воҳиди ченак | маблағ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ: | | |
| | • барои аҳолӣ ба 1 м³ | сомонӣ | 1,00 |
| | • барои ташкилотҳои буҷетӣ ба 1 м³ | сомонӣ | 1,70 |
| | • барои ташкилотҳои ҳисоби хоҷагӣ ба 1м³ | сомонӣ | 6,00 |
| 1. | Хизматрасонии партовобҳо: | | |
| | • барои аҳолӣ ба 1 м³ | сомонӣ | 0,60 |
| | • барои ташкилотҳои буҷетӣ ба 1 м³ | сомонӣ | 1,00 |
| | • барои ташкилотҳои ҳисоби хоҷагӣ ба 1м³ | сомонӣ | 1,70 |

Эзоҳ: Нархнома барои ҳамаи гурӯҳҳои истифодабарандагон истисноӣ аҳолӣ бе назардошти андоз аз арзиши иловашу муайян карда шудааст.